**ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 332 (575.32)
ТКБ 65.9 (5ТОҶ)
Т - 90**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТУХСАНБОЕВА ХУРШЕДА МАҲМУДОВНА**

# ТАКМИЛИ ШАРИКИИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ
**(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ХУҶАНД - 2023**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ризоқулов Туракул Рабимкулович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти иқтисодии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Хоҷаев Парвиз Давронович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия «____» ____ соли 2023, соати ____ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н, бинои 1, E-mail: dstsubp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 927711342.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://www.tsulpb.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” ___________ соли 2023 ирсол карда шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият то кунун дар ҳамрадифии баъзе муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ якҷоя амалӣ дорад, ки онҳоро бо механизмҳои софи бозорӣ ҳаллу фасл намудан душвор аст.

Дар ин самт ду намуди муаммоҳоро метавон аз ҳамдигар фарқ кард: якум, мушкилоте, ки танҳо бо дахолати мақомоти давлатӣ танзим кардан мумкин, яъне ҳалли муаммоҳои таваррум, таҳияи таҳкурсии ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, коркарди асосҳои институтсионалии рушд, муаммоҳои муносибатҳои беруна, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра; дуввум, мушкилоте, ки бо ҷалби бахши хусусӣ имконияти ҳалли онҳо қавитар мегардад, ба монанди масъалаҳои бекорӣ, камбизоатӣ ва таъминнокӣ бо инфрасохтори иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ).

Оид ба зарурати рушди шарикии давлатию хусусӣ махсусан дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 чунин омадааст: «Барои тақвият додани нақши ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъулияти иҷтимоии бизнес дар раванди назорат ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ тадбирҳо оид ба коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, кам кардани ҷузъи коррупсионӣ, аз ҷумла дар асоси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ мегарданд. Рушди ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва масъул, ҳамзамон тақвият додани нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар назорати ҷамъиятии фаъолияти давлат ва бизнес дар назар дорад».[1]

Аз нуктаи назариявӣ боиси қайд аст, шарикии давлат ва бизнес дар мавридҳое самараи хуб медиҳад, ки агар давлат барои иҷрои вазифаҳои муайян бо сабаби маҳдудияти имкониятҳо ба сармояи иловагии хусусӣ ниёз дошта бошад. Дар навбати худ, баҳри кам кардани ҳадди ақали хавфҳо ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ташкили истеҳсолоти молҳои нав, субъектҳои бизнес ба дастгирии давлат ниёз дошта бошанд. Зеро давлат бо иштироки худ метавонад барои фаъолияти бомуваффақият шароити мусоид фароҳам орад ва бо ин роҳ барои рушди иқтисодиёти минтақа такони иловагӣ медиҳад.

Дар шароити муосир ҷалб намудани сармоя, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, таъмин намудани самаранокии истифодаи захираҳо, ҳалли бекорӣ, иҷрои корҳо оид ба ободонии шаҳру ноҳияҳо аҳамияти калон дорад. Дар ҳалли чунин масъалаҳо ташаккули муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аҳолӣ ва бахши соҳибкорӣ метавон роҳи беҳтарин дошта бошад. Дар ин хусус дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: “Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба тақвияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, соддагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ ва танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ корҳои назаррас ба анҷом

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016 .- С. 5-6.

расонида шудаанд. Тавассути татбиқи ислоҳот фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам омада, шарикии давлат бо бахши хусусӣ густариш пайдо кард ва Тоҷикистон тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ солҳои охир се маротиба ба қатори 10 кишвари ислоҳотгари пешсаф дохил гардид".[2]

Бидуни ҳамкории самараноки мутақобилаи шарикии давлатию хусусӣ алҳол татбиқи лоиҳаҳои калони аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳим имконнопазир аст. Дар асоси мулоҳизаҳои боло метавон гуфт, ки имрӯз таҳқиқи механизми рушди шарикии давлатию хусусӣ, ки ба низоми идоракунии минтақа сифати нав медиҳад, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илм ва амалияи иқтисодиёти ватанӣ ба шумор меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ институти шарикии давлату бахши хусусӣ дар нимсолаи дуввуми асри гузашта дар мамлакатҳои хориҷӣ инкишоф ёфтааст. Баробари татбиқи омили мазкур дар илми иқтисодӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ, аз қабили Ҷ.М. Кейнс, И. Шумпетер, Х. Лейбенстайн, Дж.Стиглиц, Э.Р. Йескомп, Д. Норт ва дигарон асарҳои зиёд таълиф гардиданд.

Дар солҳои амалигардонии ислоҳоти бозорӣ дар мамлакатҳои фазои пасошӯравӣ мавзӯи ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ бо васеъшавии ислоҳоти бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Аз ҷумла, асарҳои олимон В. Г. Варнавский, М. А. Дерябина, В. Г. Ефимова, Б. А. Гринчил ва дигарон ба мавзӯи ташаккули институтҳои шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти Русия бахшида шудаанд. Дар байни олимони қазоқ асарҳои Панзабеков А. Ж., Андреев Г.М-ро махсусан қайд кардан лозим аст. Ҳамчунин, асарҳои олимони ӯзбек Комилова Р. Ш., Орипов А. О. хеле ҷолиби диққатанд.

Дар илми иқтисодии ватанӣ низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар асарҳои олимони кишвар масъалаҳои марбут ба шарикии давлат ва бизнес ба таври бояду шояд инъикос ёфтаанд. Хосатан д.и.и., профессор Саидмуродов Л.Х., д.и.и., дотсент Муқаддасзода Ф.М. - назария ва методологияи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии бозорӣ, д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., н.и.и., Азимов П.Х. - муаммоҳои ташаккул ва рушди шарикии соҳибкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ, дар асарҳои д.и.и., дотсент Саидова М.Х. шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш баррасӣ гардидаанд. Ҳолати муосири рушди муҳити институтсионалии соҳибкории хурд дар таҳқиқоти н.и.и. Нозимов Б.Р., д.и.и., дотсент Шокиров Р.С. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар рушди асосҳои назариявию методологии ташаккули шарикии давлатию хусусӣ д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р., д.и.и., профессор Кандиёрова Д. О., д.и.и., профессор Ҳабибов С. Ҳ., д.и.и., профессор Шарифзода М. М., д.и.и., профессор Исмоилова М. М., д.и.и., профессор Ғозибеков С. А. ва дигарон ҳиссаи назаррас гузоштаанд.

---

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии 22.12.2016. /www.president.tj. (санаи дастрасӣ 25.02.2018)

Бо вуҷуди ин, дар илми ватанӣ корҳое, ки махсус барои афзоиш додан ба масъалаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, аз он ҷумла омӯзиши он дар сатҳи минтақа, инчунин таъсири ташкили чунин тадбир ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар чорчӯбаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба итмом расонида шудааст. Алалхусус тибқи банди 1. Тоҷикистон дар соли 2030, зербанди 1.5. Сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи стратегия. Банди 3. Таҳкими неруи институтсионалии кишвар**;** зербанди 3.2. Рушди минтақаҳо. Банди 4. Рушди сармояи инсонӣ**,** зербандҳои 4.1. Маориф ва илм, 4.3. Ҳифзи иҷтимоӣ, 4.6. Коҳиш додани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин тибқи нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ -таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ рушди назарияи илмии ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили механизм ва афзоиши он чун омили самаранокии беҳтар гардонидани ҳолати иҷтимоию иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузоштагшуда вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

– таҳқиқи мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақа дар шароити муосир;

– ошкор сохтани шаклҳои мухталифи шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақа, ҳамчунин муайян кардани методикаи арзёбии ҳамкории мутақобилаи онҳо;

– омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба инкишофи шарикии давлатию хусусӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои қобили қабули он;

– таҳлил кардани вазъи умумӣ ва хусусиятҳои инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– асоснок сохтани омилҳое, ки ба инкишофи муносибатҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақа таъсир мерасонанд;

– коркарди амсилаи ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ бо бизнес-сохторҳо дар минтақаҳо;

– коркард ва пешниҳоди таҷдиди механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғд ва таҳияи чорабиниҳо оид ба ташкили асосҳои институтсионалии танзими он дар дурнамо.

**Объекти таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки бо ташаккули шарикии давлатию хусусӣ дар қаламрави ҳудудҳои маъмурии муайян алоқаманд аст.

**Предмети таҳқиқот** механизми ташкили иқтисодии инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар асоси фарзияи тадқиқоти илмӣ андешаи муаллиф оид бо таҷдиди механизмҳои ташкил ва фаъолияти шарикии давлатию хусусӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоӣ, ба беҳтаргардонидани некӯаҳволии минтақа оварда мерасонад, муайян карда шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимони ҳориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёт, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда, назарияи идоракунии минтақавӣ, назарияи менеҷменти умумӣ, асарҳои илмии дар маҷаллаҳои соҳавӣ интишоргардида, ҳисоботи таҳлилии вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таълифи диссертатсия ва асоснок сохтани муқаррароти илмӣ методҳои мухталиф, аз ҷумла методҳои таҳлили қиёсӣ, вазъиятӣ, мантиқӣ, низомбандӣ ва диалектикӣ, ҳамчунин методҳои иқтисодию математикӣ ва омории тадқиқот мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Сарчашмаи таҳқиқот. П**ойгоҳи иттилоотии диссертатсияро маводи расман дар матбуоти оммавӣ интишорёфтаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои минтақавии он, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоракунии сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, маводи Ҳокимияти иҷроияи давлатии вилояти Суғд, манбаъҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла мақолаю рисолаҳои илмӣ, нашриёти даврӣ ташкил кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди назарияи ҳамкориҳои давлатию хусусӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои илман асоснок оид ба таҷдиди механизмҳои ташкил ва фаъолияти шарикии давлатию хусусӣ (ШДХ) дар сатҳи минтақавӣ чун ниҳоди нави минтақавии танзими фаъолият зоҳир мегардад.

Муқарроротҳои алоҳидаи илмӣ, ки унсурҳои навовариро дарбар мегиранд, инҳоанд:

– муқаррароти консептуалӣ дар бораи шарикии давлатию хусусӣ таҳқиқ шуда, дар асоси он ба моҳияти ин мафҳум саҳеҳи ворид карда шудааст. Мувофиқи он: “ШДХ механизми сиёсати иқтисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва бо шарти судманди мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддии аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд”;

– бисёрҷанбагии шаклҳои ШДХ, ки муносибатҳои умумии шарикиро то шартномаҳо ва корхонаҳои муштарак (қарордод; лизинг; созишнома; қарордоди инвеститсионӣ; консепсияҳо; саҳомигардонӣ; иштироки саҳмӣ дар сармоя ва ғайра) дарбар мегирад, мудаллал сохта шудааст. Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти ШДХ гуруҳбандӣ намуда, тибқи он нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ШДХ-ро аз ҷониби манфиатҳои давлатӣ аз нуктаи назари шарикӣ барои арзёбӣ намудан имкон медиҳад, асоснок карда шудааст;

– таҷрибаи мамолики хориҷаи дур (Бритониёи Кабир ва Олмон) ва хориҷаи наздик (Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон) дар самти истифодаи самараноки ШДХ ҷамъбаст карда шудааст. Дар асоси он дар шароити муосири рушди кишвар таҷрибаи давлатҳои Русия, Ӯзбекистон ҷолиби диққат ва қабул аст, ки ташкили ШДХ-ро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ бештар рушд додааст, мувофиқи мақсад мебошад;

– муайян карда шудааст, ки шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бештар дар пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ, яъне дар низоми маориф, тандурустӣ, варзиш рушд ёфтааст. Гурухбанди карда шудааст, ки дар самти соҳаи маориф дар пахншавии ҳамкории ШДХ шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, н. Ашт пешқадам мебошанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод, Деваштич, Спитамен мавқеи миёна дорад. Дар самти бунёди кӯдакистонҳо дар гуруҳи пешқадам шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Исфара, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров; дар сатҳи миёна ноҳияи Зафаробод, шаҳри Бӯстон, дигар шаҳру ноҳияҳо бошанд, ақибмонӣ доранд, дар соҳаи варзиш ноҳияи Мастчоҳ пешқадам, шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, ноҳияи Деваштич дар ҳолати миёна, дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор доранд;

– ошкор гардидааст, ки дар амалишавии ҳадафи стратегии давлатӣ, яъне “саноатикунонии босуръат” ҳар як минтақа ба ШДХ ниёз дорад ва дар вилояти Суғд ин ҳолат дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Дар ҳамкории бахши хусусӣ бо сармояи худ, бахши давлатӣ бо пешниҳоди қитъаи замин ройгон, озод кардан аз пардохти воридоти техника, технология, имтиёзҳои андозӣ, маъмурӣ ширкат меварзад. Сабабҳои рушд наёфтани ШДХ дар соҳаи саноати минтақа муайян карда шудааст: а) норасоии кадрҳои баландихтисос оид ба коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсионӣ; б) нобоварӣ ба бахши хусусӣ ё ин ки ба бахши давлатӣ; в) мавҷудияти элементҳои коррупсионӣ;

– муайян карда шудааст, ки ҳаҷми маблағгузорӣ ба нишондиҳандаи рушди ШДХ баҳри арзёбии он модели иқтисодию – математикии бисёромила коркард шудааст. Муайян гардидааст, ки рушди шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар иқтисодиёти муосири вилояти Суғд ҳоло бештар аз тағйирёбии чунин нишондиҳандаҳои омилӣ, яъне тамоюли шумораи корхонаҳои муштарак ва аз ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ пайвастагии зиёд дорад;

– муайян карда шудааст, ки инкишофи ШДХ дар минтақаҳо чун манбаи баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ баромад мекунад. Дар ин асос самти ҳавасмандгардонии ташаккули ШДХ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ; ташаккули институти кластерҳои соҳавӣ дар асоси шарикии бизнес ва сохторҳои ҳукуматӣ; такмили асосҳои ҳуқуқӣ. Алгоритми ҳамкории мутақобилаи субъектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар минтақа пешниҳод карда шудааст. Дар асоси он маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ки ба беҳтар намудани ҳамкории бахши давлатӣ ва бизнес-сохторҳо равона мегардад, тавсия шудааст;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– низомбандӣ намудани муқаррароти консептуалӣ оид ба шарикии давлатию хусусӣ, дар асоси он ворид намудани тасҳеҳӣ ба предмети таҳқиқотӣ;

– асоснок намудани равияи методӣ оид ба арзёбии низоми нишондиҳандаи фаъолияти ШДХ ва гурӯҳбандии онҳо тибқи субъектҳои ҳамкорӣ;

– асоснок намудани истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба самаранокии ташкил ва рушд додани ШДХ;

– арзёбӣ намудани ҳолати муосири рушди ШДХ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва исботи рушди бештари ШДХ дар соҳаи иҷтимоӣ ва истеҳсоли молҳои ҷамъиятӣ;

– асоснок намудани рушди ШДХ дар соҳаи воқеии иқтисодиёти вилоят ва муайян гардидани сабабҳои рушд наёфтани он дар бахши воқеии иқтисодиёт;

– таҳия кардани модели иқтисодию математикии бисёромила оид ба арзёбии таъсири омилҳои тағйирёбанда ба рушди ШДХ;

– коркард намудани пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ оид ба тақвият додани ҳамкории бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар сиёсати иқтисодии минтақавӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ дар он аст, ки муқарраротҳои илмии дар диссертатсия коркардгардида барои инкишоф додани назарияи рушди минтақавӣ дар асоси татбиқи механизми ШДХ истифода бурдан мумкин аст, ки он бояд ба баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва ҷалби ҳаҷми умумии инвеститсияҳо мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои онро Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои калонмиқёс дар асоси ШДХ дар сатҳи минтақа дар коркарди барномаҳои дахлдори давлатӣ истифода бурда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқ мумкин аст дар инкишофи соҳаҳои инфрасохтор дар вилояти Суғд бо назардошти татбиқи шарикии давлатию хусусӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Коркардҳои методии муаллиф дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, аз ҷумла дар фаъолияти Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифтаанд. (маълумотнома таҳти №82/1 аз 29.06. 2022)

Муқарраротi алоҳидаи таҳқиқи илмӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Суғд, аз ҷумла Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудаанд. (маълумотнома таҳти №522 аз 21.06. 2022)

Хулосаҳои илмии алоҳидаи диссертатсияро дар низоми тайёрӣ ва бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти чунин ихтисосҳо, аз қабили иқтисодиёти минтақа, менеҷмент, идоракунии давлатию минтақавӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия собит мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда

шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ва натиҷаҳои он ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кулли марҳилаҳои навишти диссертатсия бевосита бо иштироки муаллиф, яъне сохти нақшаи он, иҷроиши нақшаи тадқиқот, аз ҷумла, таҳияи мундариҷаи мавзуъ, асосноксозӣ ва муҳимияти он, мақсад ва вазифаҳои рисола ва ғайра гузаронида шудааст. Муаллиф ҳиссаи назаррасро дар коркарди механизмҳои ҳамкории давлатӣ ва хусусиро дар сатҳи иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир гузоштааст. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти алоҳидаи илмии диссертатсия дар конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, донишгоҳӣ ва байнидонишгоҳӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф ироа гардидаанд. Аз ҷумла, дар конференсияи байналхалқии илмию амалии “Рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша” (Душанбе, 2018); конференсияи байналмилалии илмӣ-методии «Рушди иқтисодиёти инноватсионию индустриалӣ: назария, усулҳо, таҷриба» (Хуҷанд, 2019), конференсияи байналмилалии илмӣ-методии «Бизнеси байналмилалӣ: таъсисёбӣ, муаммоҳои инноватсионӣ» солҳои (2019–2020), форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Хуҷанд, 2020), конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ “Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар” (Хуҷанд, 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ чоп шудааст, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,01 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифа буда, он 18 ҷадвал ва 12 расмро дарбар мегирад. Феҳристи сарчашмаҳо аз 185 номгӯй иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти кор, сатҳи омӯзиши он дар амал асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети мавзӯи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои ба даст омада исбот карда шудаанд.

**Дар боби аввал** – “Ҷанбаҳои назариявӣ-методии шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақа дар шароити ҳозира”- мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии шарикии давлатию хусусӣ, шаклҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақавӣ ва таҷрибаи инкишофи шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ дар мамолики хориҷӣ омӯхта шудааст.

Дар шароити муосир ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногуни шарикии давлатию хусусӣ асосан ба иҷтимоишавии иқтисодиёт равона гардидааст. Моҳиятан истилоҳи “шарикии давлатию хусусӣ” тарҷумаи истилоҳи ба ҳамагон маъруфи “public-private partnership” (PPP) мебошад, ки барои ифодаи шакли ҳамкории ҳокимияти давлатӣ ва бизнеси хусусӣ ба кор меравад. Консепсияи назариявии ШДХ аз назарияи Х - ғайрисамаранокӣ маншаъ мегирад, ки онро Х. Лейбенстайн тарҳрезӣ кардааст.[3] Тибқи ақидаи ӯ сабаби фаъолияти ғайрисамараноки сохторҳои хусусӣ ҳамзамон ҳам дахолати зиёди давлат ва ҳам бюрократизатсияи сохторҳои давлатӣ мебошад. Аз ин ҷо зарурати таъсиси ШДХ ба миён меояд, то манбаъҳои Х- ғайрисамаранокӣ коҳиш дода, ба инкишофи муҳити рақобатноки бозорӣ мусоидат карда шавад.

Шарикии давлатию хусусӣ асосан аз лиҳози ҳуқуқӣ дар шакли муайян ба расмият дароварда, дар шакли муттаҳид сохтани захираҳо ва тақсими хавфҳо фаъолият менамояд.

Дар ин қарина, дар интишороти илмӣ таърифҳои зерини моҳият ва мафҳуми “шарикии давлатию хусусӣ”-ро фарқ кардан мумкин аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Нуктаи назари олимони иқтисодӣ ба мафҳуми шарикии давлатию хусусӣ (ШДХ)**

| Таърифи моҳияти ШДХ (шарҳ) | Манбаъ |
|---|---|
| ШДХ муттаҳид сохтани манфиатҳо ва иқтидорҳои нодири давлат ва бизнеси хусусӣ мебошад, ки расман дар қарордод (шартнома) сабт гардидааст ва бо ангезаи тарафҳо ба татбиқи бомуваффақияти он ҳангоми ба шартҳои мутақобилан судманд як қисми функсияҳояшро ба бизнес интиқол додани давлат машрут мешавад. | Развитие государственно-частного партнерства в современной экономике России: авт. дис. канд.экон.наук: 08.00.01/ А. С. Корчагина, А. С. Саратов, 2012, С.15. |
| ШДХ шарикиест, ки дар он давлат ва бахши хусусӣ якҷоя лоиҳаҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳимро дар асоси созишнома дар бораи тақсими вазифаю хавфҳо амалӣ мегардонанд. Зимнан, консепсияи ШДХ пешбинӣ мекунад, ки ҳар ду бахш бо мақсади сохтмон ва расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ ҳамкорӣ мекунанд. | Савранский П. В. «Государственно-частное партнерство в реализации перспективных направлений инновационного развития экономики России». Краснодар, 2007, С.47. |
| ШДХ механизми ҳуқуқии мувофиқсозии манфиатҳо ва таъмини баробарҳуқуқии давлат ва бизнес дар доираи амалигардонии лоиҳаҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба мақсадҳои идоракунии давлатӣ нигаронида шудааст. | Валисов М. В. «Государственно-частное партнерство: политико-правовой аспект» // Власть, 2006, №7, С.28. |
| ШДХ иттиҳоди ҳокимияти давлатӣ ва бизнес-сохторҳо мебошад, ки бо мақсади амалӣ гардонидани лоиҳаҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳим дар доираи васеи фаъолият (аз рушди соҳаҳои нисбатан муҳими иқтисодиёт то пешниҳоди хизматҳои ҷамъиятӣ дар миқёси тамоми мамлакат ё ҳудуди | «Государственно-частное партнерство в условиях инновационного развития экономики» [монография] / Под ред. А. Г. Зельднера, И. И. |

[3] Лейбенстайн Х. «Аллокативная эффективность в сравнении с Х - эффективностью». // Теория потребительского поведения и спроса // «Вехи экономической мысли», вып. 1, СПб., 1993.

| | |
|---|---|
| алоҳида) ба миён меояд ва хусусияти институтсионалию ташкилӣ дорад. | Смотрицкой. М., ИЭ РАН, 2012, С.212. |

*Давоми ҷадвали 1*

| | |
|---|---|
| Ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии давлвтию хусусӣ, моддаи 2 аз 28 декабри соли 2012, №907 |
| Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти хизматрасонии бозорӣ, ин иттиҳоди институтсионалию ташкилӣ ва шартномавию қарордодии байни давлат ва соҳибкорон доир ба истифодаи муштараки моликияти давлатӣ ва коммуналӣ ё иншоотҳои навтаъсис дар асоси якҷоя кардани захираҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад. | Мукаддасзода Ф.М. Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг: теория, методология, практика. - дис. докт. экон. наук: 08.00.05.- Душанбе, 2018. - С. 127. |
| **Пешниҳоди муаллиф:** ШДХ механизми сиёсати иқтисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва бо шарти судмандии мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодиро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддии аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд. | |

***Сарчашма:*** *Аз рӯи маводҳои тадқиқот аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Дар илми иқтисодӣ бештар шаклҳои зерини ШДХ аз ҳам фарқ карда шудааст, ки дар расми 1 оварда шудаанд ва ҳар яки онҳо хусусиятҳои худро доранд:




***Расми 1.* - Шаклҳои пойгоҳӣ ҳангоми ташкили фаъолияти ШДХ**

Алҳол методикае вуҷуд надорад, ки аз рӯи он самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро арзёбӣ кардан мумкин бошад. Вале, азбаски иштироккунандагони ШДХ аз ду тараф мебошанд, нишондиҳандаҳои арзёбии лоиҳаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан қобили қабул аст: а) самараи ШДХ барои давлат; б) самараи ШДХ барои шарики хусусӣ.

Таҳлили нишондиҳандаҳои зерин барои давлат марҳилаи муҳими арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШДХ ба ҳисоб меравад:

– *нишондиҳандаи таносуби ҳаҷми инвеститсияҳои хусусӣ ва буҷетӣ* дар фаъолияти хоҷагидории ШДХ. Нишондиҳандаи мазкур сатҳи коҳиши сарбориро ба буҷетиро тавсиф мекунад. Вақте ки қимати нишондиҳанда аз 1 воҳид калон бошад, сарборӣ ба буҷет коҳиш меёбад ва яке аз мақсадҳои ШДХ ба даст меояд;

– *нишондиҳандаи коҳиши сатҳи бекорӣ* на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ низ аҳамияти калон дорад;

– нишондиҳандаи дигаре, ки ҷаззобият ва самаранокии лоиҳаҳои ШДХ-ро тавсиф мекунад, *нишондиҳандаи афзоиши воридоти андозӣ ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо* мебошад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ лоиҳаҳои ШДХ дар бисёр соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои инфрасохтор, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ бомуваффақият амалӣ мегарданд ва фаъолият мекунанд, теъдоди чунин лоиҳаҳо мунтазам меафзояд. ШДХ дар сатҳҳои минтақавӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Федератсияи Русия вобаста аз талаботи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият дар шакли ШМХ (шарикии минтақавии хусусӣ) дар минтақаҳои ФР рушд ёфтааст.

Алҳол Ҳукумати Британиё шаклҳои асосии зерини ҳамкории мутақобилаи давлат ва бизнеси хусусиро ҷудо мекунад: а) саҳомигардонӣ бо роҳи таъсиси корхонаҳои омехта; б) ташаббуси молиявии хусусӣ оид ба баҳрабардории объектҳои моликияти давлатӣ; в) аутсорсинг, яъне ба бизнес додани вазифаҳои давлатӣ.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мақомоти махсус – “Агентӣ оид ба тараққии ШДХ” таъсис шудааст, ки сиёсати ягонаи ШДХ-ро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон “Маркази мувофиқоварии лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ” –оид ба мувофиқати машваратии лоиҳаҳои консессионии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис дода шуд. Дар вилоятҳо марказҳои минтақавии ШДХ таъсис медиҳанд, ки вазифаи онҳо мусоидат ба рушди шарикии давлатию хусусӣ ва ҷалби инвеститсияҳои шарикони хусусӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки дар кишварҳои ИДМ бештар ШДХ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва фазои иттилоотӣ рушд намудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ истифодабарии таҷрибаи давлатҳои Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ҷолиби диққат ва қабул аст.

**Дар боби дувум** – “Вазъият ва хусусияти рушди шарикии давлатию хусусӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон” – хусусиятҳои рушди шарикии давлатию хусусӣ дар минтақаҳо, инвеститсияҳо дар низоми омили инкишоф, моделиронии ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бизнес-сохторҳо дар минтақаҳои вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Рушди шарикии давлатию хусусӣ зарурати тақвият доданро дар шароити муосири умумӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, гузаштан ба марҳилаи ободкориву созандагиҳо дар ҳар як минтақа дорад. Зеро дар амалишавии лоиҳаҳои инфрасохторӣ, истеҳсоли молҳои ҷамъиятӣ дар бештар ҳолат сарчашмаҳои молиявии давлатӣ маҳдудият доранд, зарурат ба ҷалби сармояҳои хусусӣ ба миён меояд, ки дар шакли шарикии давлатӣ ва хусусӣ густариш ёфта истодааст. Қонун “Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ дар ҶТ”, ки 28.12.2012 қабул гардидааст[4], асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлатию хусусӣ, тартиби амалигардонии лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусиро муайян мекунад ва манфиатҳои давлат, бахши хусусиро ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии давлатию хусусӣ / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012, №12, с.1001.

муштарак муҳофизат менамоянд. Баҳри танзими шарикии давлатию хусусӣ Шӯрои махсус бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июли соли 2013, №289 муассисаи давлатии “Маркази амалигардонии лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ” ташкил карда шудааст.

Аз соли 2017 то соли 2020 дар кулли шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди ҶТ дар сохтмон, таъмир ва барқарорсозии инфрасохтори маориф аз шакли ҳамкории давлатии хусусӣ бештар истифода бурда истодаанд ва миқдори онҳо гуногун мебошад. Масалан, дар ноҳияҳои Ашт, Спитамен, шаҳрҳои Истаравшан, Панҷакент бо ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ дар 5 мактаби миёна синфхонаҳои иловагӣ бунёд гардида, таъмир ва барқарор карда шудааст. Дар шароити муосир ШДХ дар самти бунёди кӯдакистон, толори варзиш низ рушд ёфта истодааст. Дар солҳои 2017–2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди ҶТ 7 адад толори варзишӣ пурра аз нав бунёд гардидааст. Аз маълумотҳои омории мавҷуда истифода намуда, ҳиссаи ШДХ чӣ гуна аст, хулосабардорӣ шудааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Ҳиссаи шарикии давлатию хусусӣ (ШДХ) дар ҳаҷми умумии корҳои ба анҷомрасонидашуда дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад)**

| Сол | Бинои нави кӯдакистон | | | Бинои нави мактаб | | | Синфхонаҳои иловагӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдор (дар умум) | Миқдори ШДХ | ШДХ дар умум бо % | Миқдор (дар умум) | Миқдори ШДХ | ШДХ дар умум бо % | Миқдор (дар умум) | Миқдори ШДХ | ШДХ дар умум бо % |
| 2016/ 2017 | 5 | 4 | 80 | 16 | 15 | 93,8 | 40 | 36 | 90 |
| 2018 | 4 | 3 | 75 | 27 | 12 | 44,4 | 38 | 31 | 81,6 |
| 2019 | 7 | - | - | 16 | 11 | 68,8 | 10 | 5 | 50 |
| 2020 | 5 | 4 | 80 | 12 | 10 | 83,3 | 19 | 15 | 78,9 |
| Ҳамагӣ | 21 | 11 | 52,4 | 71 | 48 | 67,6 | 107 | 87 | 81,3 |

**Сарчашма**: Маълумотҳои аввалияи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016–2020; Маълумотҳои аввалияи Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2020

Ҳиссаи бахши хусусӣ дар иншоотҳои умумии бунёдгардида тибқи солҳо гуногун аст. Умуман, ба ҳисоби миёна 5 соли охир дар сохта ва истифодабарии биноҳои нави кӯдакистон ҳиссаи ШДХ 52,4%, биноҳои нави мактаб 67,6%, синфхонаҳои иловагӣ 81,3%-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои қайдгардида хеле баланданд ва ин маънои онро дорад, ки дар байни ҷомеаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, алалхусус дар вилояти Суғд низ ҳисси ватанпарварӣ, ҷонфидоӣ барои ободонии кишвар ҳам аз ҷониби соҳибкори ватании нангу ору номус дошта ва ҳам аз ҷониби аҳолӣ хеле баланд аст. Ҳамчун шакли молиякунонӣ лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ барои рушди соҳаи сохтмон ва дигар соҳаҳо захираҳои иловагӣ меоранд. Ғайр аз ин, дар асоси ташкили чунин намуди ҳамкорӣ бохти молиявӣ, иқтисодӣ байни ҳамкориҳо тақсим мегардад (ниг. ба ҷадвали 3) .

**Ҷадвали 3. - Гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди ҶТ дар асоси индикатори рушди ШДХ дар соҳаи маориф, варзиш, кӯдакистон дар солҳои 2016–2020** (миқдори объектҳо бо адад)

| **Номгӯи гурӯҳ** | **Номгӯи шаҳру ноҳияҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | ***Бунёди матабҳо*** | ***Бунёди кӯдакистоҳо*** | ***Бунёди толори варзишӣ*** |
| Гурӯҳи пешқадам | шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, Исфара, ноҳияҳои Ашт, Б. Ғафуров, (аз 10 адад зиёд) | шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, Зафаробод, ноҳияи Б. Ғафуров, (аз 2 адад зиёд) | шаҳри Истаравшан, ноҳияи Мастчоҳ, (аз 2 адад зиёд) |
| Гурӯҳи сатҳи миёна | ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич шаҳри Конибодом (аз 6 то 10 адад) | шаҳрҳои Бустон, Исфара (аз 1 адад зиёд) | шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, ноҳияи Деваштич, (аз 2 адад зиёд) |
| Гурӯҳи рушди нокифоя | шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод (то 5 адад мактаб) | дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят (мавҷуд нест) | дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят (мавҷуд нест) |

**Сарчашма**: Ҷадвал аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси: Маълумотҳои аввалияи Раёсати тандурустӣ, Раёсати ҷавонон, варзиш ва саёҳии ва Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016–2020;

Дар самти бунёди мактабҳо дар паҳншавии ҳамкории давлатию хусусӣ солҳои охир шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, Исфара, ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров дар мавқеи гурӯҳи пешқадам мебошанд. Дар гурӯҳи сатҳи миёна бошад шаҳри Конибодом, ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич қарор доранд, дар сатҳи рушди нокифоя - шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод. Дар самти бунёди кӯдакистонҳо дар гурӯҳи пешқадам шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, ноҳияҳои Зафаробод, Б. Ғафуров, дар сатҳи миёна - Исфара, Бӯстон, дигар шаҳру ноҳияҳо бошад, ақибмонӣ дорад. Дар самти варзиш гурӯҳи пешқадам ноҳияи Мастчоҳ, шаҳри Истаравшан, гурӯҳи миёна - шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, ноҳияи Деваштич буда, дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст қарор доранд.

Раванди амалигардонии механизмҳои ШДХ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар соҳаи бахши ҷамъиятӣ, ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ бештар рушд карда бошад ҳам, ҳоло қонеъкунанда нест ва гуфтан мумкин, ки дар марҳилаи оғози рушд қарор дорад. Махсусан, солҳои охир, ки дар қаламрави вилояти Суғди ҶТ низ амалишавии 4 ҳадафи стратегӣ, яъне баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръат дар амал аст, ҳамкории секторҳои хусусӣ ва давлатӣ на танҳо дар соҳаи иҷтимоӣ, балки дар соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт ҳам ба амал ҷорӣ шуда истодааст. Амалишавии баъзе лоиҳаҳои инвеститсионие, ки дар қаламрави вилояти Суғди ҶТ дар асоси принсип ва механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ (ШДХ) ба асос гирифта шудаанд, дар ҷадвали 4 инъикос ёфтааст.

Амалишавии шарикии давлатию хусусӣ дар ин самт асосан бо механизмҳои муайян, яъне ташкили ҷамъияти саҳҳомии пӯшида, ҷамъияти саҳомии кушода, корхонаҳои муштарак, ё ин ки бо шартномаи сармоягузорӣ (консессия), ё ин ки дастрасӣ бо сармояи мустақим ташкил намудан ба асос гирифта шудааст.

Ба маълумотҳое, ки дар боло зикр гардидаанд, нигоҳ накарда, ҳоло дар бахши воқеии иқтисодиёти вилояти Суғди ҶТ шарикии давлатию хусусӣ хеле кам аст, яъне ҳоло рушд наёфтааст. Масалан, бисёр лоиҳаҳои коркардшуда дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар марҳилаи рукуд мебошад, амалишавии баъзе лоиҳаҳо пурра манъ карда шудаанд. Аз ҳама муҳим дар баъзе шаҳру ноҳияҳо амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҳатто коркард ва ба нақша ҳам гирифта нашудааст. Сабаби асосии чунин ҳолат дар он аст, ки мутахассисони зарурӣ, кадрҳои баландихтисос барои коркард ва арзёбии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар мақомотҳои идоракунии давлатии шаҳру ноҳияҳо хеле каманд. Сабаби дигар амалишавии лоиҳаҳо талаботи зиёд дорад, яъне дастрасии иҷозатномаҳо аз бисёр мақомотҳои назоратӣ, танзимотӣ ва мақомотҳои болоӣ, ки на ҳама вақт дастгирӣ менамоянд.

**Ҷадвали 4. - Амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар асоси ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ дар қаламрави вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯӣ ва мақсади лоиҳа | Маблағи умумии лоиҳа, фоиданоки (%) | Саҳми иштирокдорони шарикӣ (бахшҳои хусусӣ / давлатӣ) | |
|---|---|---|---|
| ҶСК «Тех-про» – маҷмӯаи истеҳсоли маҳсулоти базалтӣ ва нахи базалтӣ | 17 млн. долл. ИМА, фоиданокӣ 44%, | хусусӣ | бо сармоя (17 млн.долл ИМА) |
| | | давлатӣ | додани замин, имтиёзҳои андозӣ, маъмурӣ, озод аз пардохти гумрукӣ |
| Ташкили комплекси технологӣ барои коркарди санг дар асоси ашёи маҳаллӣ | 5 млн долл. ИМА, фоиданокӣ 20%, | хусусӣ | бо сармоя (5 млн долл. ИМА) |
| | | давлатӣ | ҷудо кардани замин, қайди ройгон, озод кардан аз андоз, боҷи гумрукӣ, боҷи аксизӣ |
| Ташкили комплекси технологӣ барои коркарди чарм дар асоси ашёи маҳаллӣ | 4 млн доллари ИМА, фоиданокӣ 20%, | хусусӣ | бо сармоя (4 млн долл. ИМА) |
| | | давлатӣ | тақсимоти замин, имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ, қайди ройгон, |
| Коркарди партов ва беҳтар намудани вазъияти экологӣ | 2 млн доллари ИМА, фоиданокӣ 28%, | хусусӣ | бо сармоя (2 млн долл. ИМА) |
| | | давлатӣ | ҷудо кардани замин, қайди ройгон, озод аз андоз, боҷи гумрукӣ |
| Дар кӯҳсор сохтмони базаи туристӣ, минтақаҳои экологӣ | 1,8 млн. долл. ИМА фоиданокӣ –28%, | хусусӣ | бо сармоя(1,8 млн долл.ИМА) |
| | | давлатӣ | 5 сол озод кардан аз андоз; пардохт аз воридоти таҷҳизот |
| Сохтмони маркази нақлиётию логистикӣ дар МОИ “Суғд” | 50 млн. долл. ИМА фоиданокӣ 27%, | хусусӣ | бо сармоя (50 млн долл.ИМА) |
| | | давлатӣ | аз андозҳо ва пардохти боҷҳои гумрукӣ озод |

**Сарчашма:** Резюме инвестиционных проектов Республики Таджикистан. Душанбе, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, 2020, - С. 8 - 115.

Бо мақсади муайян намудани тамоюли рушди ШДХ дар вилояти Суғди ҶТ дар асоси таҳқиқи омилҳое, ки ба ҳаҷми умумии рушди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа таъсир мерасонанд, таҳлил гузаронида шудааст. Бо ин мақсад бо истифода аз муодилаи регрессионӣ, модели иқтисодии математикии бисёромила ҳисоб карда шудааст. Ҳамчун даври тадқиқот барои дарёфт

намудани қиматҳои тағйирёбандаҳои омилӣ аз оғози солҳои Истиқлолият, аз давраи соли 2005 то 2020 дарбар гирифта шудааст (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Нишондиҳандаи интизорӣ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар рушди ШДХ дар вилояти Суғди ҶТ.**

| Сол | Маблағгузории умумӣ дар иқтисодиёт (млн.сомонӣ) (у) | МММ (сатҳи рушд бо %) ($x_1$) | Маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ (млн. сомонӣ) ($x_2$) | Шумораи корхонаҳои муштарак (воҳид)($x_3$) | Корҳои сохтмонӣ (млн. сомонӣ)($x_4$) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2005 | 120,1 | 109,9 | 86,4 | 20 | 84,5 |
| 2006 | 178,3 | 130,3 | 91,8 | 17 | 148,0 |
| 2007 | 407,2 | 122,3 | 80,3 | 19 | 379,0 |
| 2008 | 796,8 | 143,4 | 141,6 | 23 | 738,4 |
| 2009 | 849,0 | 123,5 | 630,8 | 23 | 650,9 |
| 2010 | 610,6 | 114,5 | 430,5 | 20 | 472,0 |
| 2011 | 902,7 | 125,5 | 517,6 | 19 | 603,2 |
| 2012 | 1047,6 | 124,8 | 1372,2 | 18 | 865,3 |
| 2013 | 1230,0 | 116,5 | 855,6 | 20 | 1112,8 |
| 2014 | 1380,9 | 110,4 | 621,8 | 21 | 1109,9 |
| 2015 | 1658,9 | 104,3 | 1247,3 | 21 | 1235,6 |
| 2016 | 1925,0 | 121,7 | 1360,5 | 21 | 1337,5 |
| 2017 | 2008,4 | 119,4 | 1457,6 | 21 | 1353,5 |
| 2018 | 1514,8 | 104,7 | 1118,6 | 23 | 1273,0 |
| 2019 | 1736,0 | 94,9 | 804,4 | 26 | 1441,6 |
| 2020 | 1321,5 | 105,2 | 1093,9 | 26 | 1181,8 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз манбаъҳои: омори солонаи вилояти Суғд. Тоҷикистон. "30 - соли Истиқлолияти давлатӣ". Хуҷанд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021.- С.437 – 450.

Дар асоси ҳисобу китобҳои гузаронидашуда нишондиҳандаҳои коэффитсиентҳои чандирнокиро метавон дар шакли муодилаи регрессионии бисёромила бо тарзи чунин навишт:

$$Y = 135,31 + 1,148*X_1 + 0,153 *X_2 + 16,62 *X_3 + 1,227 * X_4$$

Чӣ тавре ки аз муодила бармеояд, сатҳи таъсиррасонии тағйирёбандаҳои омилӣ гуногун аст. Дар шароити муосир тағйирёбии нишондиҳандаи интизорӣ, яъне маблағгузории асосӣ дар иқтисодиёт дар бештар ҳолат аз омили зерин, яъне аз зиёдшавии шумораи корхонаҳои муштарак дар вилояти Суғди ҶТ вобаста аст.

Зичии муносибат байни омилҳои тағйирёбанда ва натиҷаи интизорӣ сатҳи баландро нишон медиҳад, зеро қимати коэффитсиенти коррелятсия ба 0,9808 баробар аст. Аз ҳисобҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки тағйирёбии натиҷаи интизорӣ, яъне маблағгузории асосӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоби миёна 96,21% аз ҳисоби тағйирёбии омилҳои таҳқиқкардашуда вобаста аст, зеро коэффитсиенти детерминатсия ба 0,9621 баробар аст.

Дар воқеъ модели коркардшуда ба ҳақиқат мутобиқат мекунад ва дар асоси гузориши факту рақамҳо ба пешгӯӣ кардан имконият дорад.

**Дар боби сеюм** – “Инкишофи стратегии муносибатҳои шарикии давлат ва бизнес дар сатҳи минтақавӣ” – такмили механизми ҳамкории давлат ва бизнес дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин таҷдиди ҷанбаҳои институтсионалии танзими шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақаҳо таҳқиқ карда шудааст.

Дар ҳақиқат тақвият додани шарикии давлатию хусусиро чун омили таъмини рақобатпазирию тараққии иқтисодиёти минтақа, пеш аз ҳама, бо назардошти амалигардонии тағйироти институтсионалӣ бояд нишон дод.

Мушкилиҳои асосие, ки алҳол инкишофи механизми ҳамкории давлат, бизнес ва аҳолиро дар минтақа бозмедоранд, ошкор карда шудаанд:

– набудани модели маҷмӯии идоракунӣ дар сатҳи минтақа ва мақомоти маҳаллии ҳокимият;

– сатҳи нисбатан пасти рақобат аз ҷониби бахши хусусӣ бо сабаби маҳдудиятҳою санадҳои ҳуқуқии мавҷуда;

– тараққӣ накардани механизмҳои буҷетӣ ва молиявӣ, ки амалигардонии самараноки лоиҳаҳоро мушкил мекунад;

– сатҳи пасти тахассусмандии хизматчиёни давлатӣ ва минтақавӣ аз рӯи омилҳои асосии таъсиррасонии мутақобила.

Ҳамаи омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни рушди ШДХ ба гуруҳҳо тақсим карда шудаанд:

1. Сиёсӣ-маъмурӣ. Афзоиши салоҳияту тахассуси кадрҳои намояндагони мақомоти ҳокимият, ҳамчунин, бизнес ва аҳолӣ, такмили пойгоҳи меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад.

2. Иҷтимоӣ. Рушди инфрасохтори ҷамъиятӣ бо роҳи ҷалби аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрам, ҳамчунин, инкишофи шарикии иҷтимоӣ дар амалигардонии лоиҳаҳои ҳамкории субъектҳо дар минтақаҳо ва сармояи ҷамъиятӣ пешниҳод шудааст.

3. Институтсионалӣ. Таъсис ва такмили институтҳо оид ба инкишофи муносибатҳои давлат ва бахши хусусӣ, аз қабили сохтани лоиҳаҳои ҳаморӣ байни давлат ва бахши хусусӣ дар самти соҳаҳои иҷтимоӣ, суғуртаи экологӣ, ҳамчунин, таҳия ва амалкарди самараноки низоми таъмини иттилоотӣ, назорат ва мониторинг пешниҳод гардидааст.

4. Ба устувории рушд омилҳои демографӣ (суръати афзоиши шумораи аҳолӣ, давомнокии миёнаи ҳаёт, сохтори аҳолӣ ва сатҳи шуғли он) низ таъсири назаррас мерасонанд.

5. Омилҳои иқтисодию технологӣ сатҳи истифодаи дастовардҳои илму техникаро дар низомҳои техникӣ, такрористеҳсоли захирасарфакунанда ё захираталафкунанда ифода менамоянд.

Бо мақсади таҷдиди ҳамкориҳои бахши хусусӣ ва давлатӣ дар шароити муосир, ба ақидаи мо, таъсис ва ташкили фаъолияти ниҳоди махсус, яъне “Маркази таъсис ва рушди ҳамкории давлатию хусусӣ дар минтақа” мувофиқи мақсад аст. Зеро тавассути маркази мазкур мумкин аст, ки ҷолибияти инвеститсионии иқтисодиёти минтақа, болоравии сифати молу кор ва хизматҳо таъмин карда шавад. Айни замон, қайд кардан зарур аст, ки доираи масъалаҳои ҳамкории ҳокимияти давлатӣ ва минтақавӣ бо намояндагони бахши хусусӣ на

танҳо соҳаи молиявию иқтисодӣ, балки шарикии иҷтимоию фарҳангиро низ фаро мегирад.

Давлат ба инкишофи механизми ҳамкорӣ ба бизнес ҳавасмандии возеҳу равшан дорад, бинобар ин минбаъд пойгоҳи қонунгузории ШДХ-ро такмил додан лозим аст, зеро он ба низоми ШДХ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи минтақаҳои он тасҳеҳу тағйироти назаррас медарорад.

